# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14 декабри соли 2024, №60**

Дар бораи сазовор донистани Шерализода Миралӣ Шерали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ санаи 5.10.2024 суратмаҷлиси №56 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Шерализода Миралӣ Шерали 15-уми марти соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2018 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба риштаи магистратураи факултети мазкур дохил шуда, соли 2020 онро бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи мазкур мебошад. Гузашта аз ин, мавсуф аз соли 2018 то соли 2023 масъулияти раиси Созмони ҷавонони факултетро ба зимма дошта, айни замон ҳамчун сармуҳаррири моҳномаи "Минбари ҳуқуқшинос"-и факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14-уми марти соли 2024, №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

– **Маҳмудов Изатулло Тешаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ;

**Муқарризони расмӣ:**

– **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

– **Абдуллоева Мадина Камоловна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:**

– Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳамроев Ш.С. ихтисос (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шукурова Н.А. ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Назарзода Р.Г. имзо ва аз ҷониби сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Раҳимов А.А. дар санаи 07.11.2024 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф ба таври мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Сатҳи навгонӣ дар он ифода меёбад, ки то ҳанӯз аз ҷониби ҳеҷ як муҳаққиқе дар фазои илми ватанӣ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ зери пажуҳиш қарор нагирифтааст. Дар рисола тартиби назариявӣ ва амалии риоя ва иҷроиши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳам дар давраи тосудӣ ва ҳам дигар давраҳо бо асоснокии нуктаҳои зарурӣ дар самти мазкур муқаррар гардидааст. Зимни пажуҳиш ва таҳлили ҳамаҷониба оид ба ибораи ҷадиди эҳтимолияти бегуноҳӣ, мафҳуми он, такмили қонунгузорӣ, мувофиқати меъёрҳо, татбиқу таъмини ин принсип аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 2 воситаи таълимӣ ва 14 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигар ба нашр расидаанд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1) Искандаров, З.Ҳ., Маҳмудов, И.Т., Собиров, М.Ш., Миралиев, Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (қисми умумӣ дар нақша) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, М.Ш. Собиров, Н.А. Миралиев. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. − 154 с.

2) Искандаров, З.Ҳ., Маҳмудов, И.Т., Ҷалолов, А.Ғ., Собиров, М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нақша (қисми пешбурди тосудӣ ва судӣ) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, А.Ғ. Ҷалолов, М.Ш. Собиров. – Душанбе: ҶДММ «Нашри мубориз», 2022. − 239 с.

3) Собиров, М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ: мафҳум, моҳият ва субъектони баамалбарорандаи он [Матн] / М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2021. − №4 (24). – С. 208-217; ISSN 2414 9217.

4) Собиров, М.Ш. Роль презумпция невиновности в обеспечении правосудия [Текст] / М.Ш. Собиров // Законодательство. – 2022. − №2 (46). – С. 90-93; ISSN 2410-2903.

5) Маҳмудов, И.Т., Собиров, М.Ш. Нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов, М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2023. − №4 (32). – С. 236-242; ISSN 2414 9217.

6) Собиров, М.Ш. Таърихи ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 57-62; ISSN 2307-5198.

7) Маҳмудов, И.Т., Собиров, М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов, М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). − 2019. – №1 (13). – С. 121-129.

8) Собиров, М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. − С. 128-132.

9) Собиров, М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда аз нигоҳи устоди хирадманду оянданиогор Неъмат Абдуллоев [Матн] / М.Ш. Собиров // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. − С. 232-235.

10) Собиров, М.Ш. Назорати прокурорӣ оид ба таъмини принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. − С. 538-541.

11) Собиров, М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ва баъзе мушкилотҳои он дар самти ҳуқуқи инсон [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 232-238.

12) Собиров, М.Ш. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ахбори суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. − С. 48-52.

13) Абдуллоев, Н.А., Собиров, М.Ш. Мулоҳизае чанд оид ба амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.А. Абдуллоев, М.Ш. Собиров // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020)) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 27-30.

14) Собиров, М.Ш. Назорати прокурорӣ ва эҳтимолияти бегуноҳии шахс дар мурофиаи ҷиноятии муосир [Матн] / М.Ш. Собиров // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020)) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 182-186.

15) Собиров, М.Ш. Алоқамандии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (1-2-юми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 280-285.

16) Собиров, М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ҷилваҳои адолати судӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори

илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 388-393.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Саъдиев И.З.** − декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Раҳматулоев А.Э.** − номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Шаҳидуллозода М.** − прокурори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждании, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшосӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар кори илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба монанди хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд, вале онҳо сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

2. Баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот, қайд кардан лозим аст, шакли мураккаби ифодаи қоидаҳои мурофиавӣ ва тавсифи онҳо бо истифодаи истилоҳоти ғайриҳуқуқӣ боиси баҳс шуда метавонанд.

3. Муаллиф зимни пешниҳод намудани мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ истилоҳи эҳтимолиятро ба фарзия иваз намудааст, ки ин метавонад баҳснок бошад. Зеро истилоҳи эҳтимолият ҳама паҳлуи бегуноҳии шахсро дар худ инъикос менамояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқотҳои илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии мо алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба

принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи мазкур, омӯзиши амалияи тафтишоти пешакӣ ва судӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуъ;

− **пешниҳод шудааст:** дар робита ба оне, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ба ҳар шахси зери таъқиби ҷиноятӣ қарордошта паҳн мегардад, мафҳуми принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар шакли дигар ва ба мазмуну муҳтавои мукаммали худ пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин дигар паҳлуҳои мавзуи мазкур низ аз нигоҳи дигар пешниҳод гардидааст;

− **исбот шудааст:** дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии моделӣ барои давлатҳои узви ИДМ ва қариб дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҳеҷ як давлати узви ИДМ, аз ҷумла КМҶ ҶТ мафҳум ва мазмуни мукаммал ва ҳамаҷонибаи эҳтимолияти бегуноҳӣ оварда нашудааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳар кадоме аз ин давлатҳо дар ҳар қисмату банди вобаста ба эҳтимолияти бегуноҳӣ ба принсипи мазкур ҳамаҷониба назар наандӯхтааст.

− **ҷорӣ намудан:** Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ як зумра сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба мушоҳида мерасанд, ки вожаҳои росткориву поквиҷдониро, дар худ ғунҷонидаанд ва ин истилоҳҳо масъалаи бегуноҳӣ ва исботи гуноҳи шахсро низ дар бар мегирифт. Яъне ҳанӯз аз замонҳои пеш то инҷониб масъалаи адлу адолат ва баробариву ростқавлии шахс дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии форсу тоҷик низ баръало дида мешуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои ба миён гузошташуда, метавонанд барои рафъи камбудиҳои дар КМҶ ҶТ ҷойдошта кумак расонанд ва дар ин замина барои такмили он аз ҳар ҷониб мусоидат намоянд. Гузашта аз ин, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба таври пурра ва ё қисман ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни омодасозии рисолаи илмӣ, муаллиф бевосита ба осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот, мумкин аст ҷамъи онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «назорати прокурорӣ» ва «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд метавонанд натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ фаррох мавриди истифода қарор диҳанд.

− **баён шудани** оне ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд новобаста ба ҳолат ва давраи мурофиаи ҷиноятӣ бояд аввал бегуноҳии шахс ва сипас гунаҳгории ӯро ба инобат гирад, зеро гумон бурдан ва айбдор намудани шахс ҳанӯз гунаҳгор будани ӯ нест. Инчунин, онҳо бояд

дарк кунанд, ки гуноҳи исботнашудаи шахс дар содир кардани ҷиноят баробар ба бегуноҳии ӯ аст.

– **ошкор гардидани** боби 2-юми КМҶ ҶТ, ки «Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ» номгузорӣ шудааст, мувофиқи мақсад нест, зеро қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ бо Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Мафҳуми қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ васеъ буда, дар баробари КМҶ ҶТ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Аз ин хотир, зарур шуморида шуд, ки номи боби 2-юми КМҶ ҶТ, ки «Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ» оварда шудааст, ба «Принсипҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ» иваз карда шавад.

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва КМҶ давлатҳои узви ИДМ вобаста ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва тартиби истифодабарии он.

– **аз нав такмил додани:** дар робита ба оне ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳим дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад, зарур аст, ки унсурҳои муҳимтарини он ба инобат гирифта шаванд. Дар ин асно, ибораи нави эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун фарзияи бегуноҳӣ, мафҳуми он, такмили қонунгузорӣ, мувофиқати меъёрҳо, татбиқу таъмини ин принсип аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он ва ғайра зери омӯзиш қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** ҷамъи натиҷаҳои бадастовардашуда метавонанд ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ чӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ва чӣ давраи судӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, ин натиҷаҳо метавонанд барои такмили қонунгузории кишвар, ба вижа меъёрҳои моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 15-и КМҶ ҶТ, ки ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шудаанд, мусоидат намоянд.

– **муайян карда шуданд, ки** муқаррароти моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 15-и КМҶ ҶТ ба он нафароне тааллуқ дорад, ки бегуноҳиашон барои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд зери шубҳа қарор доранд. Ҳарчанд, моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ ба шахсони ҷиноят содирнамуда, ишора менамояд, вале дигар шаҳрвандони оддӣ низ метавонанд вобаста ба ҳар ҳолати пайдошаванда аз он самаранок истифода бурда, дар дилхоҳ маврид ба он такя намоянд. Меъёри мазкур хусусияти конститутсионӣ дошта, ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс маҳсуб меёбад.

– **офарида шуд:** ба дарназардошти мафҳуми нави пешниҳодгардида, дар қисми 1-и моддаи 15-и КМҶ ҶТ зарур шуморидем, ки дар қисми 4-и моддаи зикргардида, истилоҳи айбдоршаванда бардошта шавад ва ба ҷои он истилоҳи «гумонбаршуда»,

«айбдоршаванда» ва «судшаванда» пешбинӣ карда шавад. Зеро дар қисми 3-и моддаи мазкур истилоҳоти «гумонбаршуда», «айбдоршаванда» ва «судшаванда» пешбинӣ гаридааст.

– **муаррифӣ карда шуд:** бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ аз ҷониби муфаттиш ва тасдиқ гардидани он аз ҷониби прокурор, тибқи ақидаву эътимоди ботинии онҳо шахс гунаҳгор эътироф мешавад, вале ин фикри шахсии онҳо аст на ҳукме, ки аз номи давлат бароварда мешавад. Чунки, ҳам дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва ҳам санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ зикр мешавад, ки ҳеҷ кас гунаҳгор дониста намешавад, то замоне ки гунаҳгории ӯро суд муайян нанамояд. Танҳо суд бегуноҳӣ ва ё гунаҳгории шахсро эълон мекунад ва ин бевосита ваколати истисноии ӯ аст. Дигар иштирокчиён ҳатто ҳуқуқ надоранд, ки бо шахс ҳамчун нафари гунаҳгор муносибат намоянд. Муносибат бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки гӯё шахс дар содир намудани ҷиноят комилан бегуноҳ аст. Чунки ҳанӯз маълум нест, ки нисбат ба шахс ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад ва ё ҳукми айбдоркунанда.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва натиҷаву тавсияву илман асосноки пешниҳодгардида, дар самти ислоҳ намудани мушкилоти назариявии мафҳум ва моҳият, таърихи пайдоиш ва инкишофи принсипи мазкур, нақши он дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва алоқамандӣ бо онҳо, амалишавии принсипи мазкур дар давраҳои тосудӣ ва судӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва дигар ҷанбаҳои зарурӣ пурра ба мувофиқаткунонии қонунгузории кишвар ва амалияи мақомоти тафтиши пешакӣ ва тафтиши судии он асос ёфтааст.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** яке аз омилҳои муҳимми риояи эҳтимолияти бегуноҳӣ муносибати дуруст ва одилона намудан бо шахс ба ҳисоб меравад. Зимни таҳлил ва мушоҳидаҳо муайян карда шуд, ки муносибат бо шахс дар амалияи тафтишоти пешакӣ ва судӣ бисёр муҳим аст. Аз ин хотир пешниҳод намудем, ки дар қисми 6-и моддаи 15-и КМҶ ҶТ чунин меъёр илова карда шавад: «То эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд бояд нисбат ба шахс муносибати дуруст ва инсондӯстонаро ба роҳ монанд».

– **ғоя асоснок шудааст, ки** амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо як иштирокчии муайян, яъне гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда маҳдуд намегардад. Баръакс, амали он дар баробари иштирокчиёни болозикр, ҳамчунин ба судшаванда низ татбиқ карда мешавад. Чунки, дар Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ ва якчанд санадҳои байналмилалӣ мафҳуми «ҳеҷ кас» ва ё «ҳар шахс» истифода шудааст, ки дарбаргирандаи ҳамаи субъектон мебошад.

– **муайян шудаанд:** бе амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо як категорияи муайяни принсипҳо, балки тамоми низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ аҳаммияти худро гум мекунанд. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо ҳар принсипи мурофиаи ҷиноятӣ,

вобаста ба ҳолати муайян дар алоқамандии зич қарор дошта, амали ҳамаҷонибаи онҳоро кафолат медиҳад ва агар принсипи мазкур рад карда шавад, пас бе шакку шубҳа амалишавии пурраи дигар принсипҳо низ зери суол мемонад. Вале тавре иброз доштем ин аз бартарӣ ва авлавияти принсипи мазкур нисбат ба дигар принсипҳо шаҳодат намедиҳад, балки дар якҷоягӣ баҳри иҷро ва таъмини вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз он мустаҷоб гардидани адолати судӣ муайян карда мешавад, равона гардидаанд.

− **истифода карда шуданд:** Конститутсияи ҶТ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, санадҳои байналмилалӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии моделӣ барои давлатҳои узви ИДМ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву консепсияҳо, фикру андешаҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок гардидааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 14 декабри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Шерализода Миралӣ Шерали дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор ва аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

14 декабри соли 2024